Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 – и
назди Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон
(734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2)

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Ҳабибуллозода Муҳриддин Ҳабибулло дар мавзуи «Такмили механзими ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.10. – Иқтисодиёти савдо ва соҳаҳои хизматрасонӣ), пешниҳод карда шудааст.**

Дар Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» санаи 28.12.2024 таъкид шудааст, ки Тоҷикистон дар ҷодаи гузариш ба рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ҷиҳати таъмин намудани шаффофияти муносибатҳои иқтисодиву молиявӣ қадамҳои устувор гузошта истодааст. Вобаста ба ин ҷиҳати вусъат бахшидан ба равандҳои инноватсионӣ ва истифодаи ҳамаҷонибаи имкониятҳои технологияҳои рақамӣ дар иқтисодиёт пешниҳод шудааст, ки солҳои 2025 – 2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон карда шаванд. Дар ин ҷода хизматрасониҳои давлатии электронӣ ҳамчун унсури муҳимтарини иқтисоди рақамӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои зикршуда накши калидӣ дорад, зеро он ба фаъолияти навоварона ва ташаббусҳои рақамикунонии иқтисодиёт, ки ҳамзамон мушилоти хизматрасониҳои давлатии электрониро бартараф ва рушди устуворро таъмин месозад, равона гардидааст.

Аз ин лиҳоз, яке аз арзишҳои назариявӣ ва амалии диссертатсияи илмии Ҳабибуллозода Муҳриддин Ҳабибулло дар асоснокқунии роҳҳои такмили механзими ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ мебошад, ки барои ташаккули иқтисоди рақамӣ мусоидат менамояд. Докторант дар кори диссертатсионии худ механизм ва методикаи баҳодиҳии сифати хизматрасониҳои давлатӣ дар асоси низоми нишондиҳандаҳои фаъолият ва принсипҳои таваҷҷӯҳи муштариёнро асоснок намуда, дар такмили методологияи таснифоти

шаклҳои хизматрасонии давлатӣ ба аҳолӣ саҳмгузор шудааст. Муаллиф омилҳои асосии таъсиррасон ба ташаккул ва рушди бозори хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиётро пешниҳод намудааст, ки он дар низоми идоракунии навъи иқтисоди рақамӣ хело актуалӣ мебошад. Дар диссертатсия самтҳои асосии таъмини амнияти иттилоотӣ ҳангоми гузариш ба хизматрасониҳои давлатии электронӣ пешнињод карда шуда, методологияи таъмини он барои кишварҳои вобастаи технологияњои воридотї ва ғайра таваҷҷӯҳи ҷиддӣ дода шудааст. Умуман, дастовардҳои илмии муҳиме, ки муаллиф ба онҳо ноил гардидааст дар бандҳои навгонии диссертатсия инъикос карда шудааст.

Аз автореферати диссертатсия бар меояд, ки мақсади гузошташуда ба даст омада, вазифаҳои муайянгардидаи кори диссертатсионӣ ҳалли худро ёфтаанд, автореферат бо забони оммафаҳми илмӣ навишта шуда, ақидаҳо ва пешниҳодҳои назариявӣ - амалии муаллиф бо расму ҷадвалҳо ва нишондиҳандаҳои ҳисоб кардашуда асоснок карда шудаанд. Мукаммал ифода ёфтани навовариҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки таркиб ва моҳияти онҳо дар автореферат ба таври кофӣ кушода шудаанд, диққати махсусро сазовор аст.

Новобаста аз ҷанбаҳои мусбии қайдгардида агар муаллиф дар матни асосии автореферат механизмҳои асосии раванди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамиро мушаххас ва дар алоҳидаги нишон медод, арзиши илмии кор боз ҳам ғанӣ мегардид. Масъалаҳои арзёбии сифати хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар бахши иқтисодиёт, ки шароиту омили муҳими рушди иқтисоди рақамиро ташкил медиҳад, норавшан мондааст. Аммо ин эродҳо сифати илмии корро коҳиш намедиҳад.

Дар умум, метавон гуфт, ки автореферати диссертатсияи доктории Ҳабибуллозода Мухриддин Ҳабибулло дар мавзуи «Такмили механзими ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 5.2. –

Иқтисодиёт (5.2.10. – Иқтисодиёти савдо ва соҳаҳои хизматрасонӣ) ба талаботҳои Низомномаи намунавии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.10. – Иқтисодиёти савдо ва соҳаҳои хизматрасонӣ) мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон Кошонова М.Р.

Имзои Кошонова М.Р. – ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус Мирҷамолов М.А.

Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14
Сомонаи расмӣ: E-mail: info@tgfeu.tj https:tgfeu.tj
Тел: +992 37 231 0843
«13» 07 соли 2026